Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 – и назди
Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон
(734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ)

**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шариф Раҳимзода ба диссертатсияи Ҳабибуллозода Мухриддин Ҳабибулло дар мавзуи «Такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ).**

1. **Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсияи Ҳабибуллозода М.Ҳ. дар мавзуи «Такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ: назария, методология, амалия» дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои илмӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ба анҷом расонида шуда, ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) мувофиқат мекунад: 3. Ташаккул ва рушди бозори савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 17. Механизми иқтисодию ташкилии рушди инноватсионии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 20. Такмили механизми ҷойгиршавии шабакаҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 22. Рушди инфрасохтори савдо: савдои озмунӣ, фаъолияти ярмаркавӣ, савдои биржавӣ ва электронӣ; 24. Рушди савдои шабакавӣ дар шароити муосир; 31. Рушди технологияҳои рақамӣ дар савдо, хизматрасониҳои

тиҷоратӣ ва маишӣ; 38. Идоракунии ҷараёнҳои технологӣ дар субъектҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ.

2. **Мубрамии мавзуи таҳқиқот.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло дар мавзуи «Такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ: назария, методология, амалия» мутобиқ ба яке аз самтҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011 ва Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иҷро расидааст. Аз ҷумла дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 оид ба масъалаҳои ҳамкориҳои электронии мақомоти давлатӣ бо шаҳрвандон ва соҳибкорон чунин қайд шудааст: «...барои фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ механизми таъмини шаффофият суст ба роҳ монда шудааст. Дар доираи вусъат додани механизмҳои ҳамкории давлат, соҳибкорӣ ва ҷамъаи шаҳрвандӣ, ин механизмҳо бештар дар сатҳи миллӣ фаъол мебошанд. Сохторҳои соҳавӣ ва минтақавӣ самаранокии худро нишон намедиҳанд. Мушкилоти дар самти идоракунии давлатӣ ин дар сатҳи зарурӣ набудани низоми электронии гардиши ҳуҷҷатҳо байни мақомоти идоракунии давлатӣ ва ҳамкориҳои электронии мақомоти давлатӣ бо шаҳрвандон ва бизнес (соҳибкорӣ)-ро дар бар мегиранд».

Ҳамзамон бояд зикр намуд, ки дар замони муосири авҷгирии равандҳои рақамикунонӣ, рушди бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба воридсозии технологияҳои муосир, ба мисли зеҳни сунъӣ, имкониятҳои навро барои баланд бардоштани сифат ва таъмини амнияти хизматрасониҳо фароҳам меорад. Аммо шиносоӣ бо вазъи муосири рушди соҳа нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз анҷом додани корҳои зиёде дар самти гузариш ба шакли электронии хизматрасониҳои давлатӣ, дараҷаи электроникунонии

хизматрасониҳои давлатӣ то ҳол қаноатбахш набуда, мукаммалгардонии механизми онро тақозо менамояд. Чунин ҳолат, пеш аз ҳама, ба он алоқаманд аст, ки инфрасохтори таъсиси ҳукумати электронӣ дар ҷумҳурӣ дар сатҳи зарурӣ таъсис дода нашудааст ва фарҳанги аҳолии кишвар оид ба бартарияти истифодаи шаклҳои электронии коммуникатсия бо давлат эҳсос карда нашудааст. Бо назардошти чунин ҳолат дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 рушди босуръати алоқаи мобилӣ ва технологияҳои иттилоотӣ, ки барои истифодаи онҳо дар бахши воқеӣ ва дар низоми идоракунии давлатӣ ҷиҳати таъсисдиҳии ҳукумати электронӣ шароит фароҳам меоваранд, ҳамчун имконияти муҳим барои рушд вазифагузорӣ карда шудааст.

Аз ҳамин лиҳоз, бо дарназардошти ақидаҳои баёнгардида бояд қайд намуд, ки мавзуи «Такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ: назария, методология, амалия» - дар шароити кунунӣ мубрам маҳсуб ёфта, муаллиф тавонистааст, ки нақши хизматрасониҳои давлатии электрониро дар ҳалли масоили иқтисоди рақамӣ ва татбиқи принсипҳои иқтисоди рақамӣ пешниҳод намояд.

Дарки мушкилоти таъмини амнияти иттилоотӣ сараввал аз ҷониби ташкилотҳо ва шаҳрвандон ба миён омода, мибаъд ҳар як давлати ҷаҳонро водор месозад, ки муаммоҳои иқтисоди рақамиро дарк намояд ва консепсияи рушди устуворро коркард ва амалӣ кунад. Вобаста ба ин, дар минтақаҳо таҳияи механизм, усул ва методҳои расидан ба ҳадафҳои рақамикунонӣ дар рушди устувори кишвар яке аз вазифаҳои афзалиятноки ҳукумати ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Махсусан ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ барои рушди иқтисодиёти кишвар бояд ба ҷузъи ҷудонопазири сиёсати иқтисодии давлат табдил дода шавад. Зеро, зарурати беҳтар намудани ҳолати хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити

иқтисоди рақамӣ яке аз масъалаҳои муҳими таҳқиқоти илмӣ ба шумор меравад, ки маҳз мавзуи диссертатсионӣ ба он бахшида шудааст.

Дар ҳақиқат, имрӯзҳо муаммоҳои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ дар ҳар як кишвар мубрам ба шумор меравад. Мутаассифона, ҳоло масаълаҳои зиёде мавҷуданд, ки ба такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ вобастагӣ доранд ва ба пуррагӣ ҳаллу фасли худро наёфтаанд. Дар айни замон, бисёр ҷанбаҳои таъмини хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ба таври кофӣ мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст. Махсусан, ба шароити муосири рушд ҷавобгӯ набудани таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ арзёбӣ ва ташаккули рушди рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ҳамчун заминаи гузариш ба рушди босуботи иқтисодӣ муҳиммияти мавзуро бозҳам баландтар мегардонад. Ҳадафи таҳқиқот такмили муқаррароти илмии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва асосноккунии таъмини шароити мусоид барои рушди рақамикунонии иқтисодиёт, таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ мебошад, ки дар шароити муосир мубрам маҳсуб меёбад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии илмии диссертатсияи тақризшаванда дар он таҷҷасум меёбад, ки муқаррароти илмӣ - амалӣ оид ба такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ба тарзи маҷмӯӣ бо низом арзёбӣ гардидааст. Натиҷаҳои назарраси илмии диссертатсия аз унсурҳои зерин таркиб ёфтааст:

1. Масъалаҳои назариявии таҳқиқи мафҳумҳои «хизматрасониҳои давлатӣ» ва «хизматрасониҳои давлатии электронӣ» равшан карда шуда,

равишҳо ва принсипҳои ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба низом даровардa шудаанд. Таърифи муаллифии мафҳуми «хизматрасониҳиҳои давлатии электронӣ» пешниҳод шудааст, ки ҳамчун маҷмуи муносибатҳои ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон дарк карда мешавад. Таснифоти муаллифии хизматрасониҳои давлатии электронӣ бо назардошти сатҳи камолоти рақамии низоми идоракунии давлатӣ ва дараҷаи рақамикунонии онҳо пешниҳод шудааст. Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатӣ вобаста ба рақамикунонӣ васеъ карда шуда, тамоюлҳои асосии рақамикунонии онҳо муайян карда шудааст.

2. Равандҳои ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ аз ҷиҳати методологӣ равшан ва асоснок карда шуда, коркарди равишҳои ҳамаҷонибаи таҳлил ва банизомдарории омилҳои рақамикунонӣ анҷом дода шудааст. Методологияи муаллифии тарҳрезии меъмории низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ бо назардошти омилҳои институтсионалӣ, ташкилию вазифавӣ ва вазифавию техникӣ (технологӣ) пешниҳод карда шудааст. Талаботи вазифавию техникии меъмории низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дақиқ карда шуда, қисматҳои сохтори он пешниҳод карда шудаанд.

3. Ба хотири рушди раванди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар мамлакат механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди онҳо таҳия карда шуда, дар баробари равшан кардани муҳтаво ва сохтор, унсурҳои асосии институтсионалӣ, ташкилӣ ва иқтисодии ин механизм ба низом даровардa шуда, робитаи байни унсурҳои он асоснок карда шудааст. Собит карда шудааст, ки татбиқи механизми таҳияшуда имкон медиҳад, ки гузариши босифат ба идоракунии давлатии рақамӣ таъмин гардад, устувории институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият ёбад, сатҳи

эътимод ба ҳокимият боло равад, сифати зиндагии шаҳрвандон беҳтар шавад.

4. Дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи муосири бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюлҳои асосӣ бо назардошти мушкилоти ҷойдошта ва самтҳои ояндадори рушди он муайян карда шудаанд. Барои баланд бардоштани самаранокии табдили хизматрасониҳои давлатии электронӣ стратегияи идоракунӣ дар мавриди рақамикунонии иқтисодиёт ва идораи давлатӣ пешниҳод карда шудааст. Равишҳо ва усулҳои нави санҷидашудаи такмили таркиби хизматрасониҳои давлатӣ пешниҳод карда шудааст.

5. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷии ташкили хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, амалияҳои пешқадами пешниҳоди онҳо ошкор карда ва ба низом дароварда шудаанд. Омилҳои асосии татбиқи бобарори амалияҳои пешқадам муайян карда шуда, имконияти мутобиқсозии онҳо дар шароити институтсионалию технологии идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири беҳтар намудани самаранокӣ ва сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ арзёбӣ карда шудааст.

6. Воситаҳои институтсионалию технологӣ ҳамчун замина барои пешниҳоди муносиби хизматрасониҳои давлатии электронӣ таҳия ва асоснок карда шудаанд, ки унсурҳои амнияти иттилоотӣ, истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ, низомҳои автоматикунонидашудаи арзёбӣ ва назорати сифати хизматрасониҳо ва технологияҳои ҳамгирошудаи ташкили ҳамкориҳои байни мақомоти давлатӣ ва истифодабарандагонро дар бар мегиранд. Мушкилоти таъмини амнияти иттилоотӣ дар мамлакат вобаста ба авҷгирии таҳдидҳои киберӣ ошкор ва зарурати ҳифзи маълумоти шахсии истифодабарандагони сомонаҳои давлатӣ асоснок карда шудааст.

7. Самтҳои стратегии рушди бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ошкор карда шуда, тавсияҳои илмию методӣ оид ба рушди механизми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт пешкаш карда шудааст. Дар асоси амсиласозии иқтисодӣ сенарияҳои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ бо назардошти омилҳои институтсионалӣ, ташкилӣ ва технологии рақамикунонӣ таҳия карда шудаанд.

8. Дурнамои оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ таҳия карда шуда, равандҳои зинавии он вобаста ба сатҳи рақамикунонии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти мамлакат муқаррар карда шудаанд. Воситаҳо ва механизми афзоиши талабот ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ асоснок карда шуданд. Зарурати қабули «Стратегияи давлатии баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045» асоснок карда шуда, оид ба ташкили Маркази алоҳидаи дастрасии ҷамъиятӣ ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шаҳру ноҳияҳо тавсияҳои илмӣ пешниҳод карда шудааст.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Муаллиф дастовард ва нуқтаи назари олимони ватанӣ ва хориҷӣ, махсусан таҷрибаи давлатҳои аз ҷиҳати хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ пешрафтаро оид ба таъмини рушди босубот аз ҷиҳати рақамикунонии иқтисодиёт эъҷодкорона истифода намудааст. Ҳамчунин, маводи омори расмии нашршуда, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маълумоти марказҳои илмӣ – таҳқиқотӣ, маводи конференсияҳои илмӣ – амалиро доир ба масъалаҳои таҳқиқшаванда моҳирона мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор додааст.

Дар диссертатсия асоснокнунии хулоса, пешниҳод ва сатҳи илмии он гувоҳӣ медиҳад, ки муаллиф асарҳои илмии олимони ватаниву хориҷиро дар самти хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, муаммоҳои арзёбии вазъи муосири рушди

хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба аҳолӣ, инчунин ташаккули онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эъҷодкорона истифода намудааст.

Муаллиф бо истифода аз усулҳои гуногуни таҳқиқот аз ҷумла, усули муқоисавӣ, таҳлилу синтез, таҳлили сохторию функсионалӣ, оморию иқтисодӣ, индексӣ, индуксия ва дедуксия, инчунин истифодаи усулҳои маҷмуӣ имконият пайдо кардааст, ки ба ҳадафи асосии таҳқиқот – коркарди асосҳои назариявӣ ва амалии такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ муваффақ гардад.

Заминаи иттилоотии таҳқиқоти илмиро дастурҳо, барномаҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, стратегия ва барномаҳои давлатии рушди иқтисодӣ – иҷтимоӣ, маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоқикистон, вазоратҳои соҳавӣ, асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, маводи конференсияҳои илмӣ - амалӣ ва ҳисобот, ки ба масоили ташаккули хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ бахшида шудаанд, ташкил додаанд.

Навоварии илмии диссертатсия дар асосноккунии заминаҳои назариявӣ ва методологӣ, методӣ оид ба такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, ҳамчунин тавсия ва пешниҳодҳои илмӣ ва амалӣ оид ба баланд бардоштани нақш ва мақоми масъалаи мазкур дар шароити иқтисоди рақамӣ инъикоси худро меёбад.

Натиҷаҳои таҳқиқот гувоҳӣ медиҳанд, ки муаллиф оид ба мавзуи баррасишаванда адабиёт ва дастовардҳои илмиро хело эҷодкорона истифода намуда, мустақилона далелҳои омориро вобаста ба ҳадафи таҳқиқот гирд оварда, мавриди коркард ва таҳлили амиқ қарор додааст.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссератсия**

Диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, хулоса ва пешниҳод, руйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, 392 саҳифаи матни компютериро 40 ҷадвал ва 39 расм дарбар мегирад.

Сохтори кори диссертатсионӣ гузориши мақсаду вазифа, натиҷагирӣ ва мантиқии алоқамандии далели он аст, ки муаллиф масъалаҳои гузошташударо дарк намуда, ҷанбаҳои ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамиро илман асоснок намояд.

Дар муқаддима мубрам будани мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, аҳамияти он барои илми иқтисодӣ ва амалия роҳандозӣ намудани механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ таъкид карда шудааст. Мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, инчунин фарзияи асосии он муайян карда шуда, тавсифи асосҳои назариявию методологӣ ва дигар ҷиҳатҳои муҳими диссертатсия оварда шудааст.

Унвонҷӯ дар **боби якуми** диссертатсия «Ҷанбаҳои назариявии рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ», таснифи гурӯҳбандии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва нақши он дар ҷаҳони муосир асоснок намуда, заминаҳои институтсионалии ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиётро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар шароити муосири рушди иқтисоди рақамӣ истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ аҳмияти хосаро касб менамояд. Ин пеш аз ҳама ба он алоқаманд аст, ки татбиқи технологияи рақамӣ дар идоракунии давлатӣ имконияти иловагиро муҳайё ва равандҳои бюрократиро коҳиш дода, шаффофияти пешниҳоди хизматрасониҳои давлатиро васеъ мегардонад (саҳ 20).

Андешаҳои олимону мутахассисонро оид ба мафҳуми хизматрасониҳои давлатии электронӣ баррасӣ намуда, муаллиф дуруст қайд кардааст, ки хизматрасониҳои давлатӣ амалҳо ва қарорҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим мебошанд, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ анҷом дода шуда, барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ равона гардидаанд ва дар шакли муқарраршудаи меъёрии ҳуқуқӣ ва ташкилию иқтисодӣ амалӣ карда мешаванд (саҳ 21 то 25).

Ба андешаи муаллиф дар боби якум зербоби дуюми диссертатсия дар таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии ташаккуллёбӣ ва рушди бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ ҷойгоҳи махсусро ҷанбаҳои назариявии таснифоти онҳо ташкил медиҳанд, ки ин дуруст аст. Унвонҷӯ барои таҳқиқоти таснифоти ҷойдоштаи хизматрасониҳои давлатии электронӣ, зарур шуморидааст, ки таснифоти ҳукумати электронӣ ҳамчун унсури пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ мавриди таҳлил қарор дода шавад. Чунин шаклҳои иқтидорӣ ё амсилаҳои ҳукумати электрониро муайян намудааст: «давлат - шаҳрванд» (ДхШ); «шаҳрванд - давлат» (ШхД); «давлат - бизнес», (ДхБ); «бизнес - давлат» (БхД); давлат - давлат (ДхД); давлат - ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (ДхТҒ); ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ - давлат (ТҒхД); давлат - кормандон (ДхК). Ба мисли тиҷорати электронӣ, ҳукумати электронӣ воридсозии мавҷҳои зиёди технологияҳои инноватсионӣ ва ҳамчун барномарезии давлатиро барои гузариш ба чунин равандҳо тақозо менамояд, мавриди омӯзиш қарор додааст (саҳ 44).

Муаллиф дар саҳифаи 62 – юми диссертатсия ба маврид қайд менамояд, ки роҳандозии ислоҳоти саривақтӣ дар самти рақамикунонии фаъолияти идораҳои давлатӣ самаранокии кори онҳоро дучанд гардонида, ниҳоди технологии ташаккулёбии бозори хизматрасониҳои давлатии электрониро таъсис медиҳад, ки заминаи муҳими институтсионалӣ дар ин раванд ба шумор меравад.

Дар **боби дуюми** таҳқиқот муаллиф «Методологияи таҳқиқи ташаккул ва рушди механизми хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонӣ», равишҳои асосии методологии ташаккули низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ муайян карда намуда, методикаи тарҳрезии меъмории портали чунин хизматрасониҳо бо тавсифи муфассали татбиқи амалии он таҳия кардааст. Механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар асоси амсилаи консептуалӣ пешниҳод ва асоснок намудааст.

Бо ин гуфтаи муаллиф пурра розӣ шудан мумкин аст, ки хусусияти хоси бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар он зуҳур меёбад, ки муассисаҳо ва мақомоти давлатӣ аз мавқеи инҳисории худ истифода мебаранд ва зарур намешуморанд, ки барои гузаронидани таҳқиқоти маркетингӣ хароҷоти зиёд сарф кунанд. Зеро аудиторияи мақсадноки онҳо пешакӣ муайян аст ва он водор аст, ки барои қонеъ гардонидани тақозои шахсии худ роҳи муроҷиат намудан ба мақомоти давлатиро ҷустуҷӯ намояд. Ҳамзамон, истифодаи равиши маркетингӣ, ба андешаи муаллиф, дар раванди ташкили хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба аҳолӣ ва корхонаҳо метавонад на танҳо дараҷаи қонеъ будани онҳоро аз хизматрасониҳои пешниҳодшуда баланд бардорад, балки ба рушди минбаъдаи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат кунад (саҳ 81 то 83).

Унвонҷу дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия қисматҳои сохтори меъмории портали хизматрасониҳои давлатии электрониро дар сатҳи зарурӣ таҳия намуда, асоснок кардааст (расми 2.10. саҳ 114).

Муаллиф дар саҳифаи 122 – юми диссертатсия зери мафҳуми механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дуруст қайд менамояд, ки маҷмуи абзорҳо, усулҳо ва расмиёте фаҳмида мешавад, ки ба истифодаи оқилонаи захираҳои молиявӣ ва идоракунӣ, беҳтаргардонии равандҳои идоракунии давлатӣ равона гардида, қодир аст сатҳи дастрасии хизматрасониҳои давлатии

электрониро ба аҳолӣ ва корхонаҳо баланд бардошта, бо истифода аз технологияи рақамӣ сифати онро дар сатҳи зарурӣ нигоҳ дорад.

Дар **боби сеюми** таҳқиқот «Вазъи муосир ва тамоюлҳои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ», вазъи ташкили низоми хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар мамлакат аз ҷониби муаллиф таҳлил ва арзёбӣ карда шуда, омилҳо ва заминаҳои рушди чунин хизматрасониҳо дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ошкор карда шудаанд. Таҷрибаи хориҷӣ дар ин самт таҳқиқ шуда, имконияти истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карда шудааст.

Муаллиф дар кори диссертатсионӣ дуруст қайд кардааст, ки дар роҳи ҷорисозии пурраи ҳукумати электронӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ метавон як қатор монеаҳоро ҷудо намуд. Пеш аз ҳама, паст будани сатҳи боварии аҳолӣ ба мақомоти давлатӣ ва камбудии итминон доштан ба амният ва самаранокии муошири рақамӣ бо давлат монеаи калидӣ ба шумор меравад. Илова бар ин, дастрасии маҳдуд ба шабакаи Интернет, махсусан дар минтақаҳои дурдаст, монеаи ҷиддӣ дар роҳи фарогирии рақамӣ ба шумор меравад. Инчунин сатҳи баланди ришвасиҳонӣ ва набудани механизмҳои мукаммали ҳифзи маълумоти шахсӣ низ ба ташаккули пурраи муҳити электронӣ дар низоми идоракунии давлатӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Дар замони муосир монеаи муҳим дар самти рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инфрасохтори пасти технологияҳои рақамӣ ба шумор меравад (саҳ 147-148).

Муаллиф исбот намудааст, ки мукаммалгардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дастрасии ҳамаҷонибаи аҳолиро ба Интернети баландсифат тақозо менамояд. Бояд тамоми аҳолии мамлакат новобаста аз мавқеи ҷойгиршавиашон ба Интернет дастрасӣ дошта бошанд. Сомонаҳои муассисаҳои давлатӣ бояд дар шаклҳои муосир ва фаҳмо тарҳрезӣ карда шуда, дар онҳо тамоми иттилооти зарурӣ

оид ба тарзу усули фурӯши хизматрасониҳои давлатии электронӣ ҷойгир карда шавад. Илова бар ин, имконияти дастрасии аҳолӣ ба иттилооти асосӣ бояд бе кушодани аккаунти электронӣ ба роҳ монда шуда бошад. Ин имкон медиҳад, ки таъмини васеъи дастрасии аҳолӣ ва корхонаҳо ба иттилоти дар сомона ҷойгиршуда ба роҳ монда шуда, ҳамкории аҳолӣ бо мақомоти давлатӣ дар шакли электронӣ вусъат ёбад (саҳ 171).

Унвонҷӯ дар зербоби сеюми боби сеюми диссертатсия таҷрибаи ИМА, Британияи Кабир, Эстония, Булғолия, Канада, Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур, Федератсияи Россияро оид ба ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ мавриди омӯзиш қарор дода, таъкид мекунад, ки яке аз таҷрибаҳои пешрафта дар замони муосир дар самти татбиқи технологияҳои информатсионӣ - коммуникатсионӣ дар идоракунии давлатӣ таҷрибаи Эстония ба шумор меравад (саҳ 192 то 206).

Дар **боби чоруми** диссертатсия «Воситаҳои институтсионалию технологии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ», масъалаҳои таъмини амнияти иттилоотии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, равишҳои корбурди зеҳни сунъӣ дар низоми чунин хизматрасониҳо баррасӣ шуда, ба хусусиятҳои арзёбии сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ таваҷҷуҳ карда шудааст.

Муаллиф дар асоси ақидаҳои баррасишуда, қайд менамояд, ки ҷомеаи рақамӣ бо суръати баланд рушд менамояд ва доираи истифода ва фарогирии технологияҳои рақамӣ дар тамоми бахшҳои иқтисодиёт ва идоракунии давлатӣ тамоюли афзоянда доранд, ки дар ин раванд масъалаи амнияти иттилоотӣ аҳамияти бештар касб менамояд. Дар баробари ин, омори киберҷиноятҳо дар бахшҳои мухталифи иқтисодиёт низ меафзояд. Ҳалли ин масъала танҳо ба коркарди механизми амниятии ҳифзи додаҳо дахл дорад. Дар баробари ин, таҳияи амиқи сиёсат ва

стратегияи амнияти додаҳо, кафолатҳои ҳуқуқи корбарон, инчунин ташкили маъракаи густурдаи огаҳӣ барои баланд бардоштани саводнокии рақамӣ зарур аст (саҳ 210-211).

Унвонҷӯ дар саҳифаи 226-227 ба маврид ишора менамояд, ки бо дарназардошти он, ки идоракунии давлатӣ, ки бо зеҳни сунъӣ фаъол аст, мо таърифи зерини бартаридошта, вале соддакардашудаи зеҳни сунъиро дар бахши давлатӣ истифода хоҳем кард: «Зеҳни сунъӣ дар идоракунии давлатӣ ин низомҳоеро ифода менамояд, ки рафтори оқилона нишон медиҳанд, метавонанд унсурҳои муҳити зистро таҳлил кунанд ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои мушаххас бо як дараҷаи мустақилона амал кунанд». Зеҳни сунъӣ як консепсияи ҳисоббарорӣ мебошад, ки ба мошин дар тафаккур ва ҳалли мушкилоти мураккабе кумак мекунад, ки одамон бо зеҳни мо кор мекунанд.

Ҳангоми таҳқиқи боби мазкур муаллиф иброз медорад, ки барои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба муштариён тавсия намудааст, ки нишондодҳо ва нишондиҳандаҳое таҳия карда шаванд, ки сатҳи ҳамкории иртибототи байни ташкилот ва муштариёнро инъикос намоянд, инчунин маҷмуи донишҳо ва малакаҳое муайян карда шаванд, ки барои беҳтарсозии таҷрибаи хизматрасонӣ ба муштариён заруранд. Ин равиш имкон медиҳад, ки муносибатҳои аҳолӣ ва муассисаҳои давлатӣ дар асоси дарки эҳтиёҷот, интизориҳо ва арзишҳои муштариён рушд ёбанд (саҳ 255-256).

Дар **боби панчуми** диссертатсия «Самтҳои стратегӣ ва механизмҳои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ», самтҳои такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ муайян карда шуда, амсилаи иқтисодӣ ва сенарияҳои рушди онҳо таҳия карда шудаанд. Ҳамчунин воситаҳо ва механизмҳои оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ аз ҷониби муаллиф пешниҳод карда шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди гузариш ба ҳукумати электронӣ ҳанӯз пурра ба анҷом нарасидааст. Бинобар ин, зарур аст, ки чораҳои мақсаднок барои ташаккули муассисаҳои нав ва тақвияти муассисаҳои мавҷуда бо назардошти захираҳои маҳдуди буҷетӣ ва бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо ба рӯзнома ворид карда шаванд. Чунин равиш метавонад роҳро барои татбиқи босуръати ислоҳоти институтсионалӣ ва гузаштан ба низоми муосир, ҳисоботдиҳанда ва самараноки идоракунӣ муайян кунад (саҳ 278).

Дар диссертатсия муаллиф зарур мешуморад, ки амсилаҳои гуногуни ҳисобкунии самаранокии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электрониро мавриди таҳқиқ қарор додан сари вақти мебошад. Ин ба мо имконият медиҳад, ки дурнамои рушди бозори хизматрасониҳои давлатии электрониро муқаррар намуда, самтҳои ояндаи тамоюлоти онро муқаррар намоем. Дар заминаи рушди иқтисоди рақамӣ ҳамчун падидаи нави пешрафти иҷтимоию иқтисодии мамлакат, дарки падидаи ҳамкории электронии байни давлат ва ҷомеа, инчунин таҳқиқоти назариявӣ дар доираи ба истилоҳ «ҳаракат барои ба таври нав фаҳмидани вазифаҳои ҳукумат» аҳамияти хоса дорад (саҳ 294).

Муаллиф дар саҳифаи 309 - 310 дараҷаи оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ пеш аз ҳама ба коркарди низоми огоҳонидани аҳолӣ алоқаманд намуда доираи он хизматрасониҳои давлатии электронӣ бо усулҳои умумӣ, дастрас ва самараноки оммависозӣ пурра намудааст. Натиҷаи татбиқи чунин усулҳо боиси он мегардад, ки сатҳи огоҳии шаҳрвандон оид ба хизматрасониҳои мавҷудаи давлатии электронӣ, имтиёзҳо ва роҳҳои дарёфти онҳо баланд бардошта мешавад.

Дар хулосаи диссертатсия муқаррароти асосии таҳқиқот оварда шуда, тавсияҳо барои истифодаи натиҷаҳои назариявию амалии диссертатсия асоснок гардидаанд.

**6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия**

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ба ғанӣ гардонидани назарияҳои илмии рушди устувор ва иқтисодиёт мусоидат менамоянд. Дастовардҳои таҳқиқотро Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ҳангоми коркарди барномаҳои рушди соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ дар асоси баинобат гирифтани омилҳои рақамикунонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ метавонанд истифода баранд.

Хулоса ва тавсияву пешниҳодҳои илмии кор дар фаъолияти мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҷараёни хизматрасониҳои давлатии электронӣ, такмили механизми идоракунии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, ҳамчунин дар коркарди нақшаву барномаҳои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ истифода карда мешавад.

Натиҷаҳои муҳими таҳқиқот аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе дар ҷараёни таҳия ва татбиқи стратегрияҳо такмили хизматрасониҳои давлатии электронӣ ва татбиқи Консепсияи иқтисоди рақамӣ истифода бурда мешавад. Ҷузъҳои алоҳидаи кор, ки дар худ тавсияҳои назариявӣ доранд дар таълими фанҳои «Ҳукумати электронӣ», «Хизматрасониҳои давлатии электронӣ», «Иқтисоди рақамӣ», «Бехатарии иттилоотӣ» ва «Системаи иттилоотии ягонаи гумрукӣ» ва ғайра истифода бурда мешаванд.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқи аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Мақолаву асарҳои интишорёфтаи муаллиф, иқтисобҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро инъикос менамояд. Аз рӯйи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ 62 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 21 мақола дар маҷаллаҳои илмии аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ба нашр расонида шудааст. Дар ҳама мақолаҳои илмии нашрнамудаи Ҳабибуллозода М.Ҳ. муҳтавои таҳқиқот тибқи муқаррарот инъикоси худро ёфтааст.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсияи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ - назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва ташхиси диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботҳои муқаррарнамудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267, тасдиқ шудааст, ҷавобгу мебошад.

Диссертатсия довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва санҷиши кори диссертатсионӣ дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои дифоъшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Кори диссертатсионӣ бо забони фаҳмо ва бо истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад. Автореферат ва мақолаҳои илмии ба нашр расонидаи довталаб таркиби асосии диссертатсияро дар бар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун

дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҷанбаҳои муҳими мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмӯъ қонеъ карда мешавад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бар меояд ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**9. Эъродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия**

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, ҳамзамон дар диссертатсия баъзе норасогиҳои алоҳида ва андешаҳои баҳсталаб низ мавҷуд мебошад, ки миёни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар қисмати назариявии диссертатсия, муаллиф фикру андешаҳои олимони хориҷиро оид ба мафҳуми хизматрасониҳои давлатии электронӣ овардааст. Хуб мешуд, ки агар муаллифи диссертатсия нуқтаҳои назари олимони ватаниро низ оварда, ба таври пурра накши ҳар як кадоми онҳоро дар таҳқиқи мавзуи хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ нишон медод.

2. Дар боби 1. зербоби 1.1. саҳифаи 42, муаллиф принсипҳои асосии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ, ки аз принсипҳои заминавии ташкили ҳукумати электронӣ бармеояд баррасӣ намудааст, вале хубтар мешуд, агар муаллифи диссертасия мафҳумҳои ин принсипҳоро дар алоҳидагӣ пешниҳод менамуд.

3. Дар расми 1.3. Марҳилаҳои рушди асосҳои институтсионалии бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба 4 давра ҷудо намудааст, диссертатсия ранги дигар мегирифт агар муаллиф ҳар як давраро дар алоҳидагӣ васеътар шарҳ медод.

4. Дар расми 2.3. амсилаи ташаккули мубодилаи иттилоот ҳангоми амаликунии хариду фурӯши хизматрасониҳои давлатии

электронӣ оварда шудааст, хуб мешуд, ки агар муаллиф амсиларо васеътар шарҳ медод.

Эъродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло дар мавзуи «Такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ: назария, методология, амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35 – и Тартиби додани дараҷаҳи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, сарходими
илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ш. Раҳимзода
«17» 08 соли 2026.

Имзои д.и.и., профессор Ш.Раҳимзода - ро тасдиқ менамоям.
Инспектори калони шуъбаи кадрҳои Институти
Иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Мақсудшоева З.

Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, кӯчаи Мирзо Ризо 6А
Тел: +992 (37) 221-67-50.
E-mail: info@ied.tj Сайт: www.ied.tj
«17» 08 соли 2026.